**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи "Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2019.–25+24с.**

Таҳқиқи масъалаҳои пунктуатсия дар забони тоҷикӣ аз оғози таълифу тадвини китобҳои дастури забони тоҷикӣ ва омӯзиши он дар макотибу мадорис ва донишгоҳу донишкадаҳо дар маркази диққати забоншиносон қарор доштааст. Роҷеъ ба ин масъалаҳо рисолаю мақолаҳои зиёди донишмандони хориҷию ватанӣ таълифу нашр гардида, барои муҳаққиқони соҳа маводи фаровоне фароҳам омадааст.

Масоили муҳимми таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими пунктуатсия мебошад, ки барои рушди саводи хаттию нутқи шифоҳии хонандагон аҳаммияти баланд дорад. Барои равшан шудани сатҳи омӯзиши ин бахши забоншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиш ва таҳқиқи алоҳида лозим аст, то сатҳи таълими он мушаххас гардад ва барои исботи нақши он дар инкишофи нутқи хонандагон далелҳои қотеъ ба дастояд. Дар ин замина рисолаи илмии Камолова Гадобегим аз корҳои шоистаест, ки ба масоили мавриди назар бахшида шудааст.

Мувофиқи мундариҷаи фишурда рисолаи Камолова Гадобегим аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, аҳаммияти назарию амалӣ, навоварии илмии таҳқиқ асоснок карда шуда, объекту предмети таҳқиқ ва вазифаю мақсади муҳаққиқ мушаххас баён шудааст.

Боби аввали рисола - "Асосҳои назариявии таълими аломатҳои китобат дар мактаб" аз чаҳор фасл иборат буда, масъалаҳои вазифа, таъинот ва аҳаммияти истифодаи аломатҳои китобат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, принсипҳои методии таълими аломатҳои китобат дар мактаб, мавқеи таълими аломатҳои китобат дар барнома, китобҳои дарсӣ ва корҳои илмию методӣ, метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобатро фаро мегирад. Муаллифи рисола дар заминаи осори назарии забоншиносони хориҷию ватанӣ асосҳои назарию амалии таълими аломатҳои китобатро дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ баён карда, роҷеъ ба принсипҳои методии таълимии аломатҳои китобат, метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобат дар мактаб баҳс менамояд, мавқеъ ва аҳаммияти барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва корҳои илмию методиро дар таълими аломатҳои китобат бо далоили басандаи илмӣ нишон додааст. Дар баробари ин, диссертант дар асоси ҷадвал ба субут расонидааст, ки аз 1784 машқу супоришҳои китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои синфҳои V-IX ҳамагӣ 150 машқу супориш

ба аломатҳои китобат ихтисос ёфтааст, ки, ба қавли муаллиф, "ин кори системаноки хонандагонро таъмин карда наметавонад" (Фишурда, 11).

Дар боби дуюми рисола - "Аспектҳои методии кор бо аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи ҷумлаи сода", ки аз се фасл иборат аст, масоили таълими аломатҳои китобатии охири ҷумла, таълими аломатҳои китобатии таркиби ҷумлаҳо ва омӯзиши аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин боб муаллиф роҷеъ ба омӯзиши аломатҳои китобат вобаста ба мавқеи онҳо дар ҷумла баҳс намуда, дар баробари асосҳои назарии мавқеияти аломатҳои китобат амалияи истифодаи онҳо ва тарзи таълими онҳоро арзёбӣ намудааст. Дар ин бахш диссертант таҷрибаеро, ки аз ҷараёни таълими аломатҳои китобат дар макотиби миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронидааст, зикр намуда, ба камбудҳо ва самараҳои мусбати таҷрибаҳои гузаронидашуда ишора намудааст. Чунончи, муаллиф дар саҳ. 14 фишурда чунин менависад: "Таҷрибаҳои мактабҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, ки бештари хатоҳое, ки хонандагон дар навишт содир мекунанд, надонистани аломатҳои китобат ва ҷойи истифодаи онҳо мебошад" (Фишурда, 14). Барои беҳтар намудани сифати таълими аломатҳои китобат муаллифи рисола методи тарҳсозӣ ё нақшаро пешниҳод менамояд. Инчунин, аз рӯи таҷрибаи амалии худ дар таълими аломатҳои китобат муаллиф самараи хуби баъзе методу усулҳоро таъкид менамояд. Масалан, дар саҳ. 15 фишурда омадааст, ки "таълими эксперименталии мавзӯи ҷумлаи хитобӣ дар синфи V ва VII самараи хуб дод" (Фишурда, 15). Ҳамин гуна таҷрибаҳо аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқро баланд мебардоранд.

Боби сеюм ба таълими аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ва ҷумлаҳои мураккаб бахшида шуда, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал ба таълими аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ихтисос ёфтааст. Муаллиф сараввал асосҳои назарии омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ва истифодаи аломатҳои китобатро дар он баён намуда, сипас ҷанбаҳои амалии онро нишон медиҳад ва дар натиҷаи гузаронидани таҷриба ба хулосае меояд, ки хонандагон, бо сабаби дуруст надонистани қавоиди истифодаи аломатҳои китобат дар нутқи айнан нақлшуда ғалатҳои зиёде содир мекунанд. Барои рафъи ин ғалатҳо муаллиф дар шаш бахш тавсияҳои методиеро ироа кардааст, ки метавонанд роҳнамои хуб барои омӯзгорону хонандагон ва доираи васеи завқмандони соҳа бошанд.

Фасли дуюм ба истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб бахшида шуда, муаллифи рисола ҳам асосҳои назарии масъалаи мавриди назарро баён намудааст ва ҳам амалияи истифодаи аломатҳои китобатро дар ҷумлаҳои мураккаб нишон додааст. Ба назари муаллиф барои омӯзиши дурусти ҷумлаҳои мураккаб ва истифодаи аломатҳои китобат дар он "омӯзгорро лозим аст, ки бо истифодаи роҳу усулҳои методӣ, ташкили воситаҳои аёнӣ (аз ҷумла,

нақшаҳо, ҷадвалҳо ва монанди инҳо) дониши хонандагонро оид ба мавриди корбурди аломатҳои китобат дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мустаҳкам намояд" (Фишурда, 19).

Хулосаи фишурда муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқро фаро мегиранд.

Аз муҳтавои фишурдаи рисола бар меояд, ки Камолова Гадобегим мавзӯи мавриди таҳқиқро хуб медонад ва ба ҳадафи илмии худ расидааст.

Дар баробари муваффақият фишурдаи рисола аз нуқсонҳо орӣ нест. Чунончи:

1. Муаллифи рисола калимаи "хато"-ро зиёд ба кор мебарад (С.9, 14, 19... дар таркибҳои "ба хато роҳ надиҳанд", "хатоҳое, ки хонандагон... содир мекунанд", "хатоҳои пунктуатсионӣ" ва ғайра), ки ба фикри инҷониб қобили қабул нест. Беҳтар мешавад, агар ба ҷойи ин вожа калимаи "ғалат"-ро истифода мебурд;

2. Дар баъзе мавридҳо муаллифи рисола ба баҳсҳои назарӣ оид ба масъалаҳои алоҳидаи воҳидҳои забон саргарм шуда, масоили методиро, ки мавзӯи асосии рисола аст, фаромӯш мекунад. Чунончи, дар фасли дуюми боби сеюм ин ҳолат ба назар мерасад;

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисоларо кам намекунанд. Фишурда ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуни рисоларо дар бар мегиранд.

Мундариҷаи фишурдаи Камолова Гадобегим гувоҳи он аст, ки рисолаи ӯ кори илмии баанҷомрасида ва ба талаботи Муассисаи давлатии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
бо методикаи таълими он-и
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Э.А.

Нишонӣ:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
телефон: (+992) 918-13-99-68
e-mail: erajjon-1988@mail.ru

Имзои Давлатов Э.А.-ро
тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ятимов Ҳ.